# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии содирот

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 2.04.2015 № 208, аз 9.02.2016 № 65, аз 25.01.2017 № 49, аз 29.09.2017 № 466, аз 31.03.2020№ 212)

Мутобиқи қисми 2 моддаи 341 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Меъёрҳои боҷҳои гумрукии содиротӣ ба молҳои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршаванда тибқи замима тасдиқ карда шаванд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.01.2017 № 49).

2. Муқаррар карда шавад, ки нисбати давлатҳое, ки дар савдои тарафайн бо Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми савдои озод бе боздошт ва маҳдудиятҳо амал менамоад, боҷҳои гумрукии содиротӣ татбиқ намегардад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 июни соли 2014 № 377

ш. Душанбе

Замима
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 сентябри соли 2017, № 466
тасдиқ шудааст

Меъёрҳои боҷҳои гумрукии содиротӣ

(карори Хукумати ЧТ аз 31.03.2020 № 212)

| Р/Т | Рамзи молӣ тибқи Номгӯи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Номгӯи мавқеъ | Меъёр |
|---|---|---|---|
| 1. | 4101 | Пӯсти коркардашудаи чорвои калони шохдор (аз ҷумла говмеш) ё ҳайвоноти оилаи аспҳо (ҷуфт ё шӯр, хушк, ишқоршудаҳо, пикелшудаҳо ё консервкардашуда бо усулҳои дигар, аммо даббоғӣ карданашуда, бе сохтаҳо аз пергамент ё минбаъд коркарднашуда), бо рӯйпӯши мӯйӣ ё бе рӯйпӯши мӯйӣ, дуто ё ғайри дуқабатаҳо: | 300 евро барои 1000 кг |
| 2. | 4102 ба истисное мавқеи молии 4102 21 000 0 | Пӯсти коркарднашудаи гӯсфанд ё пӯсти барра (ҷуфт ё шӯр, хушк, ишқоршудаҳо, пикелшудаҳо ё бо усулҳои дигар консервкардашуда, аммо даббоғӣ карданашуда, бе сохтани аз пергамент ё ба коркардҳои оянда гирифторнашуда), бо рӯйпӯши пашмин ё бе рӯйпӯши пашмин, дуқабата ё ғайри дуқабата, ғайр аз бо эзоҳи 1в ба гурӯҳи мазкур хориҷ кардашуда: | |
| 3. | 4103 | Дигар пӯстҳои коркарднашуда (ҷуфт ё шӯр, хушк, ишқоршудаҳо, пикелшудаҳо ё бо усулҳои дигар консервкардашуда, аммо даббоғӣ карданашуда, бе сохтаҳо аз пергамент ё мавриди коркарди минбаъда қарор доданашуда), бо рӯйпӯши пашмин ё бе рӯйпӯши пашмин, дуқабатаҳо с ғайри дуқабатаҳо, ғайр аз бо эзоҳи 16 ё 1в ба гурӯҳи мазкур хориҷ кардашуда: | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. | 5001 00 000 0 | Пиллаи кирмак, ки барои кушодаи омода аст | 20%, вале на кам аз 100 евро барои 1000 кг |
| 5. | 5002 00 000 0 | Абрешими хом (бофтанашуда) | |
| 6. | 5003 00 000 0 | Пасмондаҳои абрешимӣ (ҳамчунин пиллаҳое, ки барои кушодан номувофиқ мебошанд, пасмондаҳои риштаҳои пилла ва маводи хоми ришта кардашаванда) | |
| 7. | 5201 00 | Нахи пахта, ки мавриди шонакунӣ ва ё кардошоназанӣ қарор дода нашудааст: | 10% |
| 8-15 | Хориҷ карда шуд (карори Хукумати ЧТ  аз 31.03.2020 № 212) | | |